«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________
«08» 04 _______ с. 2022

# ХУЛОСАИ
## кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович соли 2013 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намуда, аз соли 2013 то ҳол ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар давраи омода намудани диссертатсия аз соли 2014 то имрӯз ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҳамзамон ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 8-уми июни соли 2022, № 65 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Гадоев Бурҳонидин Саймудинович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Аз рӯйи муҳокима хулосаҳои зерин қабул гардид:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ бахшида шудааст. Зеро, ҳизбҳои сиёсӣ ба сифати ягона иттиҳодияи ҷамъиятие баромад мекунанд, ки таъминкунандаи ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муттаҳидшавӣ эътироф мегарданд.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ҳизбҳои сиёсӣ аз миёни шумораи зиёди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар амалӣ гардонидани ҳокимияти намояндагии давлатӣ иштироки фаъол дошта, барои таҳкими принсипи гуногунандешии сиёсӣ, мафкуравӣ ва бисёрҳизбӣ мусоидат мекунад. Имрӯз фаъолияти касбии мақомоти қонунгузории мамлакат ва ҳокимияти иҷроия ба иштироки намондагони ҳизбҳои сиёсии кишвар асос меёбад. Яъне, дар фаъолияти мақомоти қонунгузор ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳизбҳои сиёсӣ бо намояндагони худ иштироки фаъолона менамоянд.

Баъд аз соҳибихтиёр гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эътирофи принсипҳои гуногунандешии сиёсӣ, мафкуравӣ ва бисёрҳизбӣ ҳамчунин барои мустаҳкам намудани мақому манзалати онҳо дар Конститутсияи ҶТ зарурати мавриди таҳлилу баррасии ҷиддӣ қарор додани мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ пеш омад. Раванди фаъолияти ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият марҳилаҳои пурпечутоберо аз сар гузаронидааст.

Касб гардидани соҳибихтиёрии давлатӣ ва гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ дар Тоҷикистон самти сохтори давлатиро ҷиддан тағйир доданд ва ба раванди ташаккулёбии муносибатҳои давлатӣ таъсири калон расонданд. Имрӯз раванди бознигарии вазъи ҳуқуқӣ–конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ, мафҳум, мазмун ва нақши онҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар идома дорад.

Ҳамчунин оид ба паҳлуҳои гуногуни нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди рушди демократикунонии ҷомеа ва ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пайём ва суханрониҳояшон борҳо диққати махсус додаанд.

Бо фаъолияти босамари худ ҳизбҳои сиёсӣ чун пайвандгари муносибатҳои ҳуқуқӣ-сиёсӣ миёни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷамъият амал мекунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ барои таҳия ва татбиқи банормаю стратегияҳои давлат заминаи муҳим эътироф гашта, барои такмили қонунгузорӣ ва рушду нумуи илми ҳуқуқи конститутсионии Тоҷикистон саҳми арзанда мегузорад.

Аз омӯзиши адабиёти илмӣ бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мазкур то ба ҳол таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ анҷом дода нашудааст. Баҳсҳои илмӣ оид ба мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ, эътирофи ҳизбҳои сиёсӣ чун иштирокчии хоси муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, мафҳум ва нишонаҳои асосии ҳизбҳои сиёсӣ чун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ, принсипҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми ҳуқуқии кишвар, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар амалӣ гардонидани ҳокимияти давлатӣ ва ҳамкории ҳизбҳо бо дигар падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шароити имрӯза аҳамияти муҳиммеро касб менамояд.

Дар таҳқиқоти мазкур муаллиф назари худро роҷеъ ба як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии мансуб ба ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла омилҳои пайдоиш ва инкишоф, моҳият ва сохтор, принсипҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳо, ниҳодинашавии (институтсинализатсияи) ҳизбҳои сиёсӣ, иштирок дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳамкорӣ бо дигар падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар низоми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ пешкаш намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ мавзуи таҳқиқоти махсус, аз ҷумла, таърихию ҳуқуқӣ, умуминазариявӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионӣ таҳқиқ нагардидааст. Танҳо баъзе паҳлуҳои масъалаи мазкурро олимони тоҷик, аз қабили Ализода Зариф, Б.С. Гадоев, А.М. Диноршоҳ, Ҷ.М. Зойир, А.И. Имомов, К.Т.

Мухторов, С.Р. Раҷабов, Б.А. Сафарзода, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, К.Н. Холиқов, М.С. Ҳайдарова, Х.Ҳ. Ҳамидов, Р.Ш. Шарофзода, Д.Х. Элназаров ва дигарон чун мавзуи таҳқиқотии худ қарор дода буданд.

Ба ақидаи муҳаққиқ омӯзиши ҷанбаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккул ва рушди мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар шароити муосир, ба навтарин таҳқиқоти илмӣ дар ин самт ниёз дорад. Унвонҷӯ ин масъаларо дарк намуда, кушиш намудааст, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии хешро ҳамаҷониба таҳлил ва натиҷаҳои илмии онро пешниҳод созад.

Унвонҷӯ мубрамияти амалии мавзуъро дар амалисозии ҳуқуқ ба муттаҳидшавии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳизбҳои сиёсӣ маънидод намуда, бар он назар аст, ки мавқеи муҳимми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ доштани ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва ҳаёти сиёсии кишвар барои таҳкими принсипҳои гуногунандешии сиёсӣ, мафкуравӣ ва бисёрҳизбӣ, инчунин бунёд намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд мусоидат менамоянд.

Унвонҷӯ мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ-ро дар заминаи методҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода, дар натиҷа хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокро манзур намудааст, ки онҳо дар рушди илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ, таҷдиди қонунгузории соҳаи ҳизбҳои сиёсӣ ва татбиқу ҳимояи воқеии ҳуқуқ ба муттаҳидшавии шаҳрвандони ҶТ метавонанд нақши назаррас дошта бошанд.

Мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои асосии рисола метавонанд дар таҳқиқоти таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ, ҳуқуқи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи интихобот ва низоми интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи конститутсионии муқоисавӣ ва ғ. истифода шаванд. Муаллифи рисола Имомов Ҳ.Ш. дар доираи таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои мухталифи мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии

ҳизбҳои сиёсии ҶТ-ро баррасӣ намуда, хулосаҳои худро бо далелҳои муътамади илмӣ ва андешаҳои муҳаққиқон асоснок кардааст.

Муҳаққиқ дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштааст:

1) баррасии раванди пайдоиш ва ташаккули падидаи ҳизбҳои сиёсӣ ва асосноккунии он дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ;
2) муайян намудани мафҳуми ҳизбҳои сиёсӣ ва мавқеи он дар низоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;
3) муайян намудани махсусияти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии сохтор ва таркиби ҳизбҳои сиёсӣ;
4) таҳлили шакл, усул, принсипҳои ҳуқуқӣ, тарзи ташкилёбӣ ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ;
5) мавриди таҳлил қарор додани тартиби таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ тибқи қонунгузории ҶТ;
6) муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон;
7) зарурати асосноккунии назорати давлатӣ ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсии ҶТ ва ҷавобгарии ҳуқуқии онҳо.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ мувофиқат мекунад.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 20 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки 7-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақола дар маҷаллаҳои дигар нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд, аз ҷумла:

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Имомов Ҳ.Ш. Ҷавобгарии конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. - № 3 (27). - С. 75-82.

[2-М]. Имомов Ҳ.Ш. Баъзе аз масъалаҳои иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар амалигардонии муносибатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ– 2019. - № 2 (30). - С.182-188.

[3-М]. Имомов Х.Ш. Конституционно-правовые принципы создание и деятельности политических партий в Республике Таджикистан [Текст] / Х.Ш. Имомов // Научно-аналитический журнал «Законодательство». – 2019. - №2 (34). - С.26-31.

[4-М]. Имомов Ҳ.Ш. Назария ва ақидаҳои муҳаққиқон роҷеъ ба мафҳум ва моҳияти ҳизбҳои сиёсӣ [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. - № 3 (31). - С.107-116.

[5-М]. Имомов Ҳ.Ш. Роҷеъ ба ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. - № 4 (32) - С. 83-93.

[6-М]. Имомов Ҳ.Ш., Гадоев Б.С. Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар фаъолияти парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоил ва дурнамо [Матн] / Ҳ.Ш., Имомов Б.С. Гадоев. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. - № 2 (34) - С. 58-64.

[7-М]. Имомов Ҳ.Ш., Гадоев Б.С. Таҳкими низоми бисёрҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов., Б.С. Гадоев. // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. -№ 3 (23) – С.106-113.

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

[8-М]. Имомов Ҳ.Ш. Нақши бунёдии ҳизбҳои сиёсӣ дар замони муосир [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов //. Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Инкишофи

падидаиконститутсионализм дар давронииистиқлолияти Тоҷикистон».(Душанбе 29 октябри соли 2014). -С.204-207.

[9-М]. Имомов Х.Ш. Вопросы становления и эволюции политических партий как конституционно-правового института [Текст] / Х.Ш. Имомов // Государствоведение и права человека. -2016. - № 2 (02).- С.74-77.

[10-М]. Имомов Ҳ.Ш. Гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ ҳамчун принсипҳои асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, №2 (26), Душанбе, 2017 (апрель-июнь), С.29-33.

[11-М]. Имомов Ҳ.Ш. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон». – 2017.-№4 (08). – С. 64-68.

[12-М]. Имомов Ҳ.Ш. Роҷеъ ба масъалаҳои пайдоиш ва инкишофи падидаи ҳизбҳои сиёсӣ дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзуи: «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози XVI- Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ». (Душанбе 10 ноябри соли 2017). – С.140-147.

[13-М]. Имомов Ҳ.Ш. Табиати ҳуқуқӣ ва таркиби ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ». (Душанбе 15-16 июни соли 2017). С. 128-129).

[14-М]. Имомов Ҳ.Ш. Роҷеъ ба мафҳум ва аҳамияти муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу

ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ». (Душанбе 15-16 июни соли 2017). С. 201-203).

[15-М]. Имомов Ҳ.Ш. Таҳкими Ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон». – 2018.-№ 3 (11). – С.133-139.

[16-М]. Имомов Х.Ш. Участие политических партий в избирательном процессе [Текст] / Х.Ш. Имомов // «Государствоведение и права человека». - 2018 - № 2 (10). - С.52-58.

[17-М]. Имомов Ҳ.Ш. Ақидаҳо ва назарияҳои олимони тоҷик дар рушди ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Маводи семинари илмӣ-назариявӣ: «Нақши олимони муосири тоҷик дар рушди илми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2019, С.84-92.

[18-М]. Имомов Х.Ш. К вопросу о правовой институционализации политических партий в науке конституционного права [Текст] / Х.Ш. Имомов // «Государствоведение и права человека». – 2019. - № 1 (13). - С.99-106.

[19-М]. Имомов Х.Ш. Конституционно-правовой статус политических партий в Республике Таджикистан и в странах СНГ: конституционно-сравнительный анализ [Текст] / Х.Ш. Имомов // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы VII международной научно-практической конференции, посвященной 25-летию Конституции Республики Таджикистан (Душанбе 31 октября 2019 г.). – С. 385-388.

[20-М]. Имомов Ҳ.Ш. Ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули -уми Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) (Душанбе, 7-уми декабри соли 2021) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. –С. 354-360.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссертатсияи Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба экспертизаи даври дуюми муассиса барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, суратмаҷлиси № 8 аз 2-уми апрели соли 2022.

**Раиси ҷаласа:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муаллими калон, иҷрокунандаи
вазифаи мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Қодиров Ҷ.Ш.

**Котиби ҷаласа:** Неъматова М.А.

Имзои Қодиров Ҷ.Ш. ва Неъматова М.А.-ро
тасдиқ мекунам:
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
«08» 04 2022